**Протоколи № 7**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон барои ҳимояи рисолаи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо,соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)**

**ш. Душанбе аз 30-юми декабри соли 2019, протоколи №7**

**Иштирок доштанд:** аз 17 нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, ки мувофиқи фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2017, №80 тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 10 доктори илм аз рӯи соҳаи баррасишавандаи диссертатсия ва 5 номзади илм.

30 декабри соли 2019 соати $10^{00}$ дар толори Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзода, 30) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 баргузор гардид. Вақти анҷом $12^{30}$.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Навруз Носири дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо).

Оид ба ин масъала баромади муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович шунида шуд.

Диссертатсия дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич, декани факултети иқтисодии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

Муқарризони расмии довталаб:

1) Исайнов Ҳисайн Раҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2) Маҳмудова Шаҳодат Ҳаитбоевна, номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими калони илмии Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ.

Муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

Котиби шӯро ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯро ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод кард.

Навруз Н. фишурдаи диссертатсияи номзадиашро баён кард. Ба диссертант 14 савол аз ҷониби докторони илми иқтисодӣ, профессорон: Султонов З.С., Ҳикматов У.С., Амонова Д.С., Ашуров И.С., Раҳимзода Ш.М., Раҳматов Ҳ.Б., ва номзади илми иқтисодӣ, дотсент Миразизов А.Ҳ. пешниҳод шуданд, ки ба ҳамаи онҳо унвонҷӯ ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

**Баромад кард:** роҳбари илмии унвонҷӯ Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич - д.и.и., профессор (тақризи роҳбари илмӣ мавҷуд аст).

Котиби шӯро тақризи муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, инчунин тақризҳои ба автореферат додаи муқарризонро хонда гузашт. Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ:

-Исайнов Ҳисайн Раҳимович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

-Маҳмудова Шаҳодат Ҳаитбоевна – номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими калони илмии Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, баромад карданд.

Аз тарафи муқарризон 13 мулоҳизаҳо қайд карда шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ ҷавобҳои саҳеҳ дод.

Дар мубоҳисаҳо докторони илми иқтисодӣ: Раҳимзода Ш.М., Комилов С.Ҷ. ва Султонов З.С. баромад намуданд.

Унвонҷӯ бо сухани хотимавӣ баромад кард.

Маросими овоздиҳии пинҳонӣ оғоз шуд. Барои ин ба воситаи овоздиҳии кушод комиссияи ҳисоботӣ иборат аз 3 аъзои Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати: Раҳматзода Ҳ.Б раис, Улмасов Р.У. ва Миразизов А.Ҳ. – аъзоёни комиссияи ҳисоботӣ интихоб шуданд.

Аз 17 нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 10 нафар докторони илм ва 5 нафар номзадони илм мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор -15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ ба воситаи овоздиҳии кушод, суратҷаласаи комиссияи овоздиҳиро тасдиқ намуданд.

Хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ тариқи овоздиҳии кушод қабул гардида, ба Навруз Носири дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) дода шуд.

**Хулосаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029**

аз рӯи ҳимояи диссертатсия, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) аз 30 декабри соли 2019.

Пас аз шунидан, муҳокимарониҳо ва ҷавобҳои унвонҷӯ Навруз Носири дар мавзӯи: «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо), баромади муқарризони

расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳисайн Раҳимович, номзади илмҳои иқтисодӣ, Маҳмудова Шаҳодат Ҳаитбоевна, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, инчунин дигар тақризҳо ва баромадҳои муқарризони ғайрирасмӣ: докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон: Раҳимзода Ш.М., Комилов С.Ҷ. ва Султонов З.С.

**Шӯрои диссертатсионӣ**

**дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ ва ҳамчунин хулосаи аз ҷониби Шӯрои номбурда қабулгардида оид ба диссертатсияи унвонҷӯ** Навруз Носири дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)», ҷиҳати аз нигоҳи илмӣ боэътибор будани навгониҳо, аҳамияти илмии онҳо ва хулосаҳо, ки дар диссертатсия баён шудаанд,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Навруз Носири дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)» ба талабот ва меъёрҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ ҳисобида шавад.
2. Ба Навруз Носири дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад ва аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба номбурда дипломи номзади илм дода шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳишмандам овоз диҳад.

Тарафдор 15. Муқобил нест. Бетараф нест.

Қарор ҳамаҷониба қабул шуд.

Иҷозат диҳед, аз номи Шӯрои диссертатсионӣ Навруз Носириро бо дифои бомуваффақияти диссертатсияи номзадӣ табрик гуфта, ба вай тансиҳатӣ, хушбахтӣ ва муваффақиятҳо дар корҳои илмии ояндааш орзӯ намоем.

Ба ҳамаи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ барои иштироки фаъолона дар кори Шӯро ташаккур изҳор медорем.

Ба ҳамаи ҳозирини дар толорбуда ташаккур!

Бо ҳамин ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон карда мешавад.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Комилов С.Ҷ.**

**Котиби шӯрои диссертатсионӣ**
**н.и.и., дотсент** **Шодиева З.Н.**